# ПРОТОКОЛИ № 43-и

чаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз 29 декабри соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 16 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

29 декабри соли 2025 соати $14^{00}$ дар толори шурои диссертатсионии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 21а) ҷаласаи шурои диссертатсинии 6D.КОА-096 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа 16.10

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, профессор Салимзода Амонулло Файзулло

Котиби илмӣ: номзади илмҳои кишоварзӣ, Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

Раиси шуро: Муҳтарам аъзоёнии шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-ми апрели соли 2025, № 171/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 16 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – Сабзавотпарварӣ.

Диссертатсия дар шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, сарходими илмии шуъбаи технологияи

муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич.

**Муқарризони расмӣ:**

**Садридинов Сайфидин** – доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти иқтисодиёти воқеии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Солиев Зокирхоҷа Маҳмудхоҷаевич** – доктори илмҳои кишоварзӣ, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва равобити байналмилалии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш.Исфара.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии Данғара.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. Раиси шуро: д.и.к., профессор Салимзода Амонулло Файзулло;
2. Котиби илмии шуро: н.и.к., Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна;
3. Унвонҷӯ: Раҳимов Шодмон Давлатович.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, доктори илмҳои биологӣ Алиев Қ.А., доктори илмҳои кишоварзӣ Саидзода Р.Ф., доктори илмҳои биологӣ Абдураҳмонов Н.А., доктори илмҳои кишоварзӣ Пӯлотов Я.Э., доктори илмҳои кишоварзӣ Назиров Ҳ.Н., доктори илмҳои кишоварзӣ Асозода Н.М., доктори илмҳои биологӣ Каримов М.К. ва доктори илмҳои кишоварзӣ Султонова М.Ҳ. ҷавоби мусбӣ дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ – Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ шунида шуд.

**Баромади муқарризони расмӣ:**

**Садридинов Сайфидин** – доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти иқтисодиёти воқеии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Аз сабаби беморӣ ва дар ҷаласа иштирок накардани муқаррризи расмӣ **Солиев Зокирхоҷа Маҳмудхоҷаевич** - доктори илмҳои кишоварзӣ, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва равобити байналмилалии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш.Исфара, тақризи мукарризи расмиро котиби илмии шурои диссертатсионӣ Пулотова Шаҳодат Сайфуллоевна баррасӣ намуд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризи муқарризони расмӣ нишондодашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

**Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:**

1. Алиев Қурбон Алиевич – д.и.б., профессор;

2. Каримов Музафар Каримович – д.и.б., профессор;
3. Бобохонов Рустам Сатторович – д.и.к., профессор;
4. Партоев Қурбоналӣ - д.и.к.;
5. Салимзода Амонулло Файзулло – д.и.к., профессор, академики АИКТ.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ Партоев Қурбоналӣ (раис), Каримов М.К., Аминов Ш.Р. (аъзоён) интихоб гардиданд.

Аз 16 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 16 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 16 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзоёни шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

4. Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Раҳимов Шодмон Давлатович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – Сабзавотпарварӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

шурои диссертатсионии 6D.КОА–096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**аз 29 декабри соли 2025** **ш.Душанбе**

Суханронии Раҳимов Шодмон Давлатович -ро дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш” аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – Сабзавотпарварӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Данғара, ки аз тарафи муқарриз, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои кишоварзӣ, Музафарзода Даврон Маҳмадшариф, раиси ҷаласаи шурои олимон, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Ҳафизов А.А. ва котиби илмии шурои олимон, номзади илмҳои кишоварзӣ, Сафарализода С.С. имзо намудаанд ва ректори донишгоҳ доктори илмҳои иқтисодӣ Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ тасдиқ намудааст, суханронии муқарризони расмӣ **Садридинов Сайфидин** - доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти

иқтисодиёти воқеии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Солиев Зокирхоҷа Маҳмудхоҷаевич** - доктори илмҳои кишоварзӣ, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва равобити байналмилалии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш.Исфара, инчунин муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои биологӣ Алиев Қурбон Алиевич, доктори илмҳои биологӣ, Каримов Музафар Каримович, доктори илмҳои кишоварзӣ Бобохонов Рустам Сатторович, доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қурбоналӣ ва доктори илмҳои кишоварзӣ Салимзода Амонулло Файзулло-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асосӣ натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Раҳимов Шодмон Давлатович

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – Сабзавотпарварӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Раҳимов Шодмон Давлатович дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09- Сабзавотпарварӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09- Сабзавотпарварӣ ба Раҳимов Шодмон Давлатович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 16 нафар, Муқобил-нест. Бетараф-нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ, профессор Салимзода Амонулло Файзулло

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

29.12.2025с.